*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати*
*Тоҷикистон (734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2 )*

# Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Барои ҷумҳурии мо, дар шароити иқтисоди иннноватсионӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ниҳоят муҳим аст. Бинобар ин, такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ сарчашмаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва сатҳи некӯаҳволӣ равона карда шудааст. Инҳо таҳияву такмили механизмҳои иқтисодиро талаб мекунанд, ки ба афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат мекунанд, ки дар ниҳоят имкон медиҳад, ки ниёзҳои аҳолӣ дар бозори истеъмолӣ пурратар қонеъ карда шаванд.

Аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи Гафарзода М.Т. дорои аҳамияти илмиву амалӣ аст. Кори мавриди баррасӣ пешниҳодеро асоснок мекунад, ки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як системаи муносибатҳои тақсимотӣ мебошад, ки дар он маблағҳои давлатӣ, кӯмаки молиявӣ ва хидматрасонии шаҳрвандӣ аз ҳисоби даромади миллӣ истифода мешаванд. Ин ғамхории давлатро нисбат ба ҳар касе, ки қобилияти кориро пурра ё қисман аз даст додааст, инчунин кӯшишҳои давлатро барои татбиқи ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ ва риояи маҷмӯи кафолатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ба ҳар кас ҳуқуқи зиндагии шоиста

медиҳанд. Аз ин лиҳоз, автореферати мавриди баррасӣ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар таҳқиқи кори мазкур, муаллиф асосҳои назариявӣ ва методии ташаккули механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро баррасӣ карда, хусусиятҳои хоси соҳаи иҷтимоӣ ва такмили онро дар муҳити нав зарур шуморида, асосҳои методӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро тавзеҳ дода, бо дарназардошти таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар асоси таҳлили вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтимоӣ, самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро бо таҳияи тавсияҳои методӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Аз рӯи шакл ва мундариҷаи автореферати баррасишаванда, онро метавон як таҳқиқоти пурраи илмӣ ҳисобид, ки аз рӯи ҳама ҷанбаҳои асосии худ ба талабот барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй аст.

Бо вуҷуди ин, дар асар якчанд камбудиҳо мавҷуданд, ки асосии онҳо инҳоянд:

1. Дар автореферат муаллиф зикр менамояд, ки ҳифзи иҷтимоӣ бо суғуртаи иҷтимоӣ низ зич алоқаманд аст, аммо нуктаи назари худро тавзеҳ надодааст?
2. Муаллиф қайд кардааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи иҷтимоӣ омӯзиши инфрасохтори самтҳои асосии он мебошад ва барои таҳияи инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ, онро тавассути призмаи се ҷузъи таркибӣ баррасӣ кардан зарур мебошад. Аммо ин фикри худро ба тафсил маънидод накардааст?

Ҳамаи эродҳои дар боло зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва баҳои умумии мусбати авторефератро паст намекунанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршуда мундариҷаи таҳқиқоти анҷомшударо пурра таҷассум менамоянд. Аз ин рӯ, дар асоси автореферати пешниҳодшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Гаффорзода Мавҷуда Тахир як таҳқиқоти пурра ва мустақили илмӣ буда, натиҷаҳои он татбиқи амалии худро пайдо кардаанд, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Дадоматов Д.Н.**

Имзои профессор Дадоматов Д.Н. -ро тасдиқ менамоям:

“____” __________________ соли 2025

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н, хонаи 1, Тел: (+992) 3422 2 38 11, E-mail: tsulbp@rambler.ru

“____” __________________ соли 2025